# Шарҳи вазъи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо

Семоҳаи 4 соли 2024

ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲОИ ТОҶИКИСТОН

**Шарҳи вазъи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо дар семоҳаи чоруми соли 2024**

Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (минбаъд Хазина) фаъолияти худро дар семоҳаи чоруми соли 2024 баҳри ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии пасандоздорон, таъмини фаъолияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, мусоидат ба нигоҳдории суботи низоми молиявӣ ва таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон идома дод.

**Иштироки ташкилотҳои қарзӣ дар низоми суғуртаи амонату пасандозҳо.** Дар семоҳаи чоруми соли 2024 теъдоди ташкилотҳои қарзӣ – узви низоми суғуртаи амонату пасандозҳо афзоиш ёфта 35 адад ташкилоти қарзиро ташкил дод, ки он аз 13 адад бонкҳо, 21 адад ташкилотҳои амонатии қарзии хурд (ТАҚХ) ва 1 адад ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ (ТҚҒ) иборат мебошанд.

**Ташкилотҳои қарзии узви низоми суғуртаи амонату пасандозҳо (адад)**

| Номгӯи ташкилоти қарзӣ | 31.12.2023 | 31.12.2024 | Фарқият (+/-) |
|---|---|---|---|
| Бонкҳо | 12 | 13 | +1 |
| Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд (ТАҚХ) | 19 | 21 | +2 |
| Ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ (ТҚҒ) | 1 | 1 | 0 |
| **Ҳамагӣ** | **32** | **35** | **3** |

Дар давраи ҳисоботӣ се ташкилоти қарзии нав - 1 адад бонк ва ду адад ТАҚХ ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо шомил гардид. Аз ҷумла, бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон ба ҶСП «Фридом Бонк Тоҷикистон» барои анҷомдиҳии фаъолияти бонкӣ оид ба ҷалби амонату пасандозҳо иҷозатнома дода шуд. Дар ин асос, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” аз ҷониби Хазина ба ҶСП «Фридом Бонк Тоҷикистон» тасдиқнома дар бораи узвият ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо таҳти №000073 аз санаи 05 ноябри соли 2024 дода шуд.

Инчунин, бо қарорҳои Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон ба ҶДММ ТАҚХ «Доро Пей» ва ҶСП ТАҚХ «Бизнес Капитал» барои анҷомдиҳии фаъолияти бонкӣ оид ба ҷалби амонату пасандозҳо иҷозатнома дода шуда,

мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо" аз ҷониби Хазина ба ҶДММ ТАҚХ «Доро Пей» тасдиқнома дар бораи узвият ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо таҳти №000074 ва ба ҶСП ТАҚХ «Бизнес Капитал» тасдиқнома дар бораи узвият ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо таҳти №000075 аз санаи 31 декабри соли 2024 дода шуд.

**Амонату пасандозҳои суғурташудаи ташкилотҳои қарзӣ ва сохтори он.** Дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми амонату пасандозҳое, ки аз ҷониби Хазина суғурта мешаванд, раванди афзоиши муътадил дошт. Тибқи маълумотҳо ба ҳолати 31 декабри соли 2024 ҳаҷми умумии бақияи амонату пасандозҳои суғурташуда дар ташкилотҳои қарзӣ – узви Хазина 11 997,4 млн. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба семоҳаи қаблӣ ба андозаи 12,8 фоиз ва нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 36,4 фоиз зиёд мебошад.

Раванди афзоиши хаҷми пасандозҳои суғурташуда дар баробари мавриди амал қарор гирифтани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо" ва васеъ гардидани доираи объектҳои ҳатмии суғурта бо як қатор омилҳои таъсиррасони мусбӣ, ба монанди вазъи муътадили макроиқтисодӣ, фаъолияти босуботи низоми молиявӣ, барқарорёбӣ ва тадриҷан боло рафтани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ, ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, пешниҳоди маҳсулоту хизматрасониҳои ҷолибнок аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ, инчунин татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон" алоқаманд буд.

**Ҳаҷми умумии пасандозҳои суғурташуда (млрд. сомонӣ)**



Дар сохтори амонату пасандозҳои суғурташуда ҳиссаи амонату пасандозҳо бо пули миллӣ афзоиши назаррас дошта, 62 фоизро ташкил дод. Ҳиссаи амонату пасандозҳо бо асъори хориҷӣ бошад 38 фоизро ташкил дод.

**Сохтори асъории пасандозҳои суғурташуда (млрд. сомонӣ)**




Ҳамзамон, дар сохтори ҳаҷми умумии пасандозҳои суғурташуда ҳиссаи бештар 95,1 фоиз ё 11,4 млрд. сомонӣ ба амонату пасандозҳои шахсони воқеӣ рост омада, боқимондаи ҳиссаи он – 4,9 фоиз ё худ 0,6 млрд. сомониро амонату пасандозҳои соҳибкорони инфиродӣ, шахсони ҳуқуқии субъектҳои соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ташкил доданд.

**Сохтори пасандозҳои суғурташуда аз рӯи моликият (бо фоиз)**




Аз рӯи ҷамъбасти маълумоти давраи ҳисоботии семоҳаи чоруми соли 2024 шумораи пасандоздорони суғурташуда 2,49 млн. нафарро ташкил дод, ки ин дар муқоиса нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 19,0 фоиз зиёд

мебошад. Аз шумораи умумии пасандоздорони суғурташуда ҳиссаи афзалиятнок – 99,7 фоиз ба шахсони воқеӣ рост меояд.

**Шумораи пасандоздорони суғурташуда (млн. нафар)**




Таҳлили сохтори пасандозҳои суғурташуда нишон медиҳад, ки аз шумораи умумии амонатгузорон ва пасандоздорон маблағи 98,0 фоизи онҳо дар доираи андозаи ҷубронпулӣ пурра фаро гирифта шуда, 2,0 фоизи боқимондаи пасандоздорон, ки маблағи амонату пасандозҳояшон аз андозаи ҷубронпулӣ зиёд аст, қисман фаро гирифта шудаанд.

Дар доираи маблағи ҷубронпулӣ пурра фаро гирифта шудани 98,0 фоизи пасандоздорон нишондиҳандаи баланд буда, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки аксари пасандоздорони суғурташуда аз ҷониби Хазина пурра ҳимоя карда шудаанд.

**Ҳиссаи пасандоздорони пурра суғурташуда (млн. нафар)**



**Ҳиссаи пасандоздорони пурра суғурташуда (бо фоиз)**




Қобили зикр аст, ки мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо" андозаи ҷубронпулӣ аз рӯи амонату пасандозҳои суғурташуда бо пули миллӣ ва бо асъори хориҷӣ на бештар аз 35 000 сомонӣ муайян гардидааст. Ҳангоми ба вуқӯъ омадани ҳолати суғуртавӣ Хазина ба пасандоздорон маблағи суратҳисобҳои амонату пасандозҳои суғурташударо дар ташкилоти қарзӣ ба андозаи муайяншуда ҷуброн менамояд.

Дар маҷмӯъ аз соли 2015 то инҷониб андозаи ҷубронпулӣ 2,5 маротиба, яъне аз 14 000 сомонӣ то ба 35 000 сомонӣ зиёд шудааст, ки он дар навбати худ ба афзоиши ҳаҷми уҳдадориҳои (потенсиалии) суғуртавии Хазина аз рӯи пасандозҳои суғурташуда низ таъсир расонидааст.

**Афзоиши андозаи ҷубронпулии суғурта (сомонӣ)**



Вобаста ба тағйирёбии андозаи ҷубронпулӣ ва ҳаҷми пасандозҳои суғурташаванда, ухдадориҳои суғуртавии Хазина аз рӯи ҳаҷми умумии амонату пасандозҳои суғурташуда дар семоҳаи чоруми соли 2024 афзоиши назаррас доштанд. Аз ҷумла, ба санаи 31 декабри соли 2024 ҳаҷми ухдадориҳои умумии суғуртавии Хазина аз рӯи пасандозҳои суғурташуда 4,8 млрд. сомониро ташкил дод, ки ин нисбат ба семоҳаи қаблӣ ба андозаи 13,0 фоиз ва нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта 46,9 фоиз зиёд мебошад.

Бояд қайд кард, ки ухдадории потенсиалии Хазина аз рӯи пардохти ҷубронпулии суғурта дар назди бонкҳо ҳиссаи зиёдтарин – 85,4 фоизи ҳаҷми умумии ухдадориҳоро ташкил медиҳад.

Бештари ухдадориҳои суғуртавии Хазина ба шахсони воқеӣ, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ рост меояд, ки маблағи он 4,78 млрд. сомонӣ ё худ 99,2 фоизи ҳаҷми умумии ухдадориҳоро ташкил медиҳад. Ухдадории суғуртавӣ дар назди шахсони ҳуқуқӣ бошад маблағи 38,4 млн. сомонӣ ё 0,8 фоизи ҳамаи ухдадориҳои Хазинаро ташкил медиҳад.

**Ухдадории суғуртавии Хазина (млрд. сомонӣ)**




**Сохтори ухдадории суғуртавии Хазина аз рӯи моликият (бо фоиз)**



**Ҳолатҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина ва пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорони суғурташуда**.

Дар семоҳаи чоруми соли 2024 дар ягон ташкилотҳои қарзии узви Хазина ҳолати суғуртавӣ ба вуқӯъ наомад.

Ҳамзамон, дар давраи баррасишаванда пасандоздорон ва намояндагони бонкҳои барҳамдодашудаи ҶСК "Агроинвестбонк" ва ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" оид ба тамдиди мухлати гирифтани маблағи ҷубронпулии суғуртавӣ дар асоси Қонун бо ариза ба Хазина муроҷиат кардаанд, ки аз тарафи Хазина ба 14 нафар пасандоздорони бонкҳои мазкур ба маблағи 239,8 ҳаз. сомонӣ ҷубронпулии суғуртавӣ пардохт карда шуд. Аз санаи 01 июли соли 2022, яъне аз давраи анҷоми муҳлати яксолаи пардохти ҷубронпулӣ то 31 декабри соли 2024 аз тарафи Хазина ба 103 нафар пасандоздорони бонкҳои мазкур ба маблағи 1 651,2 ҳаз. сомонӣ ҷубронпулии суғуртавӣ пардохт карда шудааст.

Дар маҷмӯъ, аз соли 2016 то санаи 31.12.2024 сол Хазина ба пасандоздорони суғурташудаи 18 ташкилоти қарзии барҳамхӯрда ба маблағи 212,3 млн. сомонӣ ҷубронпулӣ пардохт намудааст (аз ҷумла, ба пасандоздорони ҶСК "Агроинвестбонк" – 133,7 млн. сомонӣ ва ҶСК "Тоҷиксодиротбонк – 55,2 млн. сомонӣ).

**Ҳолатҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина**

| | **Ба ҳолати 31.12.2023** | **Ба ҳолати 31.12.2024** | **Фарқият (+/-)** |
|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ (адад)** | **18** | **18** | **0** |
| Бонкҳо | 6 | 6 | 0 |
| ТАҚХ | 12 | 12 | 0 |
| **Ҳамагӣ ҷубронпулӣ пардохт карда шуд (ҳаз. сомонӣ)** | **212 071,3** | **212 311,0** | **240,** |

**Фаъолияти сармоягузорӣ ва идоракунии маблағҳои Хазина.** Яке аз вазифаҳои муҳими Хазина ҷиҳати ташаккул ва андӯхти дороиҳои Хазина фаъолияти сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад. Бо назардошти сарчашмаҳои тибқи Қонун муайян кардашуда барои сармоягузорӣ ва дар шароити имкониятҳои мавҷудаи бозори коғазҳои қиматнок, Хазина дар давраи баррасишаванда маблағҳои озоди худро бо мақсади гирифтани даромади ҷолибнок ба коғазҳои қиматноки давлатӣ ҷойгир кард.

Дар 12 моҳи соли равон 16 музоядаи барориши коғазҳои қиматноки давлатӣ дар ҳаҷми умумии 580,0 млн. сомонӣ ва бо мӯҳлатноки 3-моҳа, 6-моҳа, 12-моҳа ва 24-моҳа амалӣ гардид. Фоизҳои воситаҳои молиявии мазкур вобаста аз муҳлат 5,0 то 12,0 фоизи солонаро ташкил доданд.

Вобаста ба ин, Хазина бо мақсади таъмини фаъолияти босамари сармоягузории маблағҳои озоди худ, дар ҳафт музоядаи коғазҳои қиматноки давлатӣ иштироки фаъол намуда, ба маблағи 252,2 млн. сомонӣ ва меъёри даромаднокии миёнаи 7,2 фоизи солона ғолиб омад. Даромади гирифташудаи Хазина аз ҳисоби хариди коғазҳои қиматноки мазкур ба ҳолати 31.12.2024 сол 6,9 млн. сомониро ташкил дод, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 6,7 ва 7,5 маротиба зиёд мебошад.

**Иштироки Хазина дар бозори коғазҳои қиматнок (млн. сомонӣ)**




**Фоизи даромаднокии коғазҳои қиматноки давлатӣ**



**Нишондиҳандаҳои молиявии Хазина.** Дар давраи баррасишаванда вобаста ба иҷрои вазифаҳои қонунии худ дар самти ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои қонунии пасандоздорон, раванди мунтазам афзоиши дороиҳои Хазина идома ёфт. Ба ҳолати 31 декабри соли 2024 ҳаҷми умумии дороиҳои Хазина маблағи 282,0 млн. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба семоҳаи сеюми соли 2024 ба андозаи 9,5 фоиз ва ба ҳамин санаи соли гузашта 35,8 фоиз зиёд мебошад.

**Тамоюли тағйирёбии маблағҳои Хазина (млн. сомонӣ)**




Афзоиши дороиҳои Хазина пеш аз ҳама аз ҳисоби афзоиши пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина дар натиҷаи зиёд шудани ҳаҷми амонату пасандозҳои суғурташуда ва даромади аз ҳисоби фаъолияти сармоягузорӣ ба дастомада вобастагӣ дошт. Аз ҷумла, пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзӣ ба Хазина дар семоҳаи чоруми соли 2024 маблағи 19,6 млн. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба семоҳаи қаблӣ 4,55 фоиз зиёд мебошад.

Андозаи ҳадди аксари маблағи Хазина[1], ки таносуби маблағи Хазинаро нисбат ба ҳаҷми умумии пасандозҳои суғурташудаи ташкилотҳои қарзӣ инъикос менамояд, ба ҳолати 31 декабри соли 2024 андозаи 2,4 фоизро ташкил дод.

[1] *Андозаи ҳадди аксари маблаги Хазина тибқи қонун дар ҳаҷми 7 фоизи бақияи умумии пасандозҳои сугурташуда, ки дар ташкилотҳои қарзӣ мавҷуд аст, муқаррар карда шудааст.*

**Андозаи ниҳоии маблағи Хазина (%)**




**Фаъолияти ташвиқот ва робита бо ҷомеа**. Таблиғот ва ташвиқоти аҳолӣ оид ба моҳият ва нақши низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва ба ин васила таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ яке аз вазифаҳои муҳими Хазина ба ҳисоб меравад.

Дар давоми давраи баррасишаванда бахри баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ оид ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, маводҳои таблиғотӣ, аз қабили маҳсулотҳои таблиғотӣ, буклетҳо, плакатҳо, баннерҳо, нишони худчаспи Хазина (стикерҳо), инчунин ролики видеоӣ ва хабарҳо дар телевизион ва шабакаҳои иҷтимоӣ омода ва паҳн карда шуданд.

Бо мақсади тақвияти сиёсати иттилоотӣ – коммуникатсионии Хазина ва баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ оид ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, дар давоми давраи ҳисоботӣ дар сомонаи расмии Хазина ва шабакаҳои иҷтимоӣ маводҳои иттилоотию таҳлилӣ ва эълонҳо мунтазам нашр карда шуданд. Хазина оид ба масъалаҳои мухталифи соҳа, аз ҷумла оид ба тағйиротҳо дар низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, оид ба феҳристи ташкилотҳои қарзӣ - узви Хазина, нишондиҳандаҳои таҳлилӣ оид ба суғуртакунии амонату пасандозҳо ва итилоот вобаста ба фаъолияти Хазина омода карда, дар сомонаи худ ҷойгир намуд.

Ғайр аз ин, ҷиҳати баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ бахшида ба Рӯзи умумиҷаҳонии пасандозҳо дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои қарзӣ як қатор чорабиниҳо, аз қабили озмун ва иқдомҳои марбут ба ҷалби пасандозҳо, ташкили вохӯриҳо бо аҳолӣ оид ба фаҳмонидани моҳияти суғуртаи пасандозҳо, пахш намудани маводҳои таблиғотию ташвиқотӣ оид ба амалиётҳои пасандозӣ дар воситаҳои ахбори умум, амалӣ карда шуд.